«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои биологӣ, профессор
Давлатзода Сайфиддин Хайриддин
___________________
«_22_» _05_________ соли 2023

**Тақризи**
**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши муқоисавӣ равона карда шудааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба таҳлили луғавию грамматикии истилоҳот хеле назаррас буда, онҳо зери таҳқиқи забоншиносони соҳаҳои гуногун дар забонҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Гарчанде ки омӯзиши истилоҳот дар таҳқиқотҳои гуногуни забонҳои зикргардида ба назар расанд ҳам, истилоҳоти кулолгарӣ дар доираи асарҳои мушаххас, махсусан, аз лиҳози муқоисавӣ ва доираи корбурду корбаст то имрӯз омӯхта нашудаанд.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва забони англисӣ, ки аз назари хешовандӣ ба як оилаи забонҳо мутааллиқанд, оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи баррасишаванда даричаеро ба сӯйи муайян намудани хусусиятҳои миллию фарҳангии истилоҳоти кулолгарии миллати тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда мекушояд.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз феҳристи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳо, методҳо, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи мавриди пажӯҳиш муҳаққиқ маводи муфассалеро оид ба омӯзиши истилоҳоти кулолгарӣ дар забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ зикр намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки истилоҳоти кулолгарӣ бо бисёр соҳаҳои истеҳсолот алоқаи ногусастанӣ дошта, муаррифгари ҳар қавму миллат ва тааммули шахс маҳсуб меёбад. Дар баробари ин истилоҳоти кулолгарии забони тоҷикӣ хеле кам омӯхта шудаанд ва ягона коре, ки аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон дар ҳамин самт иҷро шудааст, ин пажуҳиши лексикаи кулолгарӣ дар забоншиносии тоҷик аз тарафи Ҳ. Бурҳонова «Лексика гончарного производство таджикского языка» дар аввали солҳои 80-уми садаи гузашта анҷом ёфтааст. Муҳаққиқ дар рисолаи хеш хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории луғоти истеҳсоли маснуоти кулолиро бар мабнои сарчашмаҳои фарҳангӣ ва асарҳои илмиву таърихие, ки ба ташаккулу такомули истилоҳоти кулолгарӣ бахшида шудаанд, муайян намудааст.

Дар диссертатсия Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович муҳаққиқони Тоҷикистон М. Султон, С. Назарзода, Т. Шокиров, П. Нуров, Ш. Ҳайитова, А. Шафоатов, Қ. Тураҳасанов, М Бекмуродов, С. Ҳалимова, З. Мирзоев, Г. Саъдиева, С. Собирова, Ф. Баротов, Ҳ. Саидов, С. Ҷоматов, Ш. Каримов, М. Ҷӯраева, Х. Ҷӯраев ва М. Комиловро ном мегирад, ки дар атрофи истилоҳотҳои гуногун пажӯҳишҳои илмиро ба сомон расондаанд.

Барои пажӯҳиши ҳаматарафа муҳаққиқ сарчашмаҳои зиёдеро аз истилоҳшиносони ҷаҳонию ватанӣ мутолиа намуда, дар рафти кор мавриди истифода қарор додааст, ки С. В. Рождественская, А. А. Реформатский, А. В. Суперанская, Д. С. Лотте, Г. Смит, Э. Сепир, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М. Султонов, Ҳ. Саидов, С. Ҷаматов, П. Г. Нуров, Ш. Ҳайитова, Ш. Каримов ва дигарон аз зумраи онҳо мебошанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар диссератсия бори аввал аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва забоншиносии қавмӣ (этнолингвистӣ) умумият ва фарқияти истилоҳоти кулолгарӣ ду мардуми аз назари ҳудудӣ аз ҳам

дур, ки забонашон мансуби як ҳавзаи ҷуғрофӣ нест, яъне тоҷикон ва англисзабонон муайян гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки омӯзиши хусусиятҳои миллию фарҳангии истилоҳоти кулолгарӣ метавонад барои пажӯҳишҳои минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшуда метавонанд истифода шаванд ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои муқаддимаи забоншиносӣ, луғатшиносӣ, забоншиносии умумӣ, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва назарияи грамматика хидмат намоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ пеш аз ҳама, дар омӯзишу таҳлили адабиёти назариявӣ, шарҳи мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии кулолгарӣ, таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти зикргардида, муайян намудани сермаъношавӣ, муродифшавӣ ва ҳамгуншавии истилоҳоти мавриди таҳқиқ, ҳамчунин таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси усулҳои асосии истилоҳсозӣ зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои асосии пажӯҳиш дар 11 мақолаи илмӣ, 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Диссертатсия дар 3 боб таълиф ёфта, боби аввали он «Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шудааст. Боби мазкурро муаллиф аз 5 фасл мураттаб намуда, дар онҳо шарҳу тавзеҳи назарии истилоҳот дар забоншиносии муосир, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, қолабҳои сохторию маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забоншиносӣ ҳамчун сарчашмаи маълумот мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми кор муҳаққиқ доир ба пайдоиши назарияи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, рушду омӯзиши он дар забоншиносӣ маълумот дода шуда, шарҳу тавзеҳи онро аз тарафи забоншиносони тоҷику рус ва англис зикр кардааст. Он шарҳу таърифе, ки перомуни масъалаи мазкур баён шудаанд, аз тарафи муҳаққиқ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд ва муаллиф то андозае тавонистааст, ки фикру андешаҳои худро иброз намояд. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки «истилоҳот худ низоми махсуси калимахои ин ё он соҳаи

муайян махсуб ёфта, як мафҳуми мушаххасу муайянро ифода мекунад. Дар тафовут аз калимаи умумистеъмол маънои истилоҳ бояд амиқу мушаххас бошад, зеро истилоҳ на ҳамчун ифодакунандаи ин ё он маъно, балки фарогири як маънои муайян аст, яъне истилоҳ на фақат вазифаи номинативии худро, инчунин маънои муайянро низ ифода менамояд. Гузашта аз ин, истилоҳ барои ифодаи номгӯйи мафҳумҳои мушаххаси илмӣ истеъмол гардида, раванд ва мафҳумеро, ки дар соҳаи забон ба амал меояд, номбар карда, ҳамчунин маънои онҳоро ифода мекунад» (диссертатсия с. 14). Дар фасли мазкур муҳаққиқ аслан ба таҳқиқотҳои олимони тоҷик М. Султонов, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, С. Ҷаматов, забоншиносони рус – Н. П. Кузмин, А. А. Реформатский, В. Д. Даниленко ва муҳаққиқони аврупоӣ А. Ширмер, Ҳ. Эггербехт, Ларс Гурмунд ва дигарон такя кардааст.

Фасли дуюм ба масъалаи «Мафҳумҳои мевҳарии истилоҳоти кулогарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ» бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф аввалин касоне, ки ба кори аз гил сохтани асбобҳои рӯзгор пардохтанд, занон будаанд ва ин як амри воқеист. Маҳсулоти гилинро бори аввал занҳо сохта, онро дар назди оташдон пухтаанд. Ҳамин тариқ, аввалин истифодабарандагон ва офарандагони санъати кулолӣ – занон мебошанд. Дар байни кулолгарони тоҷик то кунун ривоятҳо дар бораи пири кулолгарон Бибӣ Кулол (дар Варзоб), Бӣ Кулол (дар Дарвоз), Бӣ Саиди Кулол (дар Рашт), Вӣ Саит Кулол (дар Яғноб) [Бурхонова. 1982 с. 120] мавҷуданд. Ин боварии мардум гувоҳи он аст, ки ин касби қадима аз ҷониби занон кашф шудааст. (диссертатсия саҳ. 31).

Ҳамин тавр, аз шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ бар мабнои сарчашмаҳои илмиву таърихӣ маълум гардид, ки омӯзишу таҳқиқи истилоҳоту ибораистилоҳоти соҳаи фавқ метавонад ба равобити ногусастании фарҳангиву тиҷоратии мардуми тоҷику англис таҳким бахшад. Ҳамчунин дар раванди таҳлилу баррасӣ муаллиф истилоҳоти кулолгариро ба ду давраи калон дастабандӣ намудааст, ки давраи якум аз истилоҳоту ибораистилоҳоти мансуби кулолгари дастӣ, ки сохтани маснуоти кулолӣ тавассути даст бидуни истифодаи таҷҳизоту олот сурат мегиард, иборат аст. Давраи дуюм бошад, инъикосагари истилоҳоту ибораистилоҳоти мансуб ба замони истифодабарии чархи кулолӣ аст.

Он истилоҳу ибораистилоҳоте, ки дар кори илмӣ зикр гардидааст, имрӯз ҳам дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ роиҷанд. Бештари онҳо

хусусияти истилоҳӣ доранд ва маҳз дар соҳаи кулолгарӣ истеъмол мегарданд.

Фасли сеюми боби мазкур ба масъалаи «Сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бахшида шудааст, ки аз ҷониби докторант сарчашмаҳое таҳлилу баррасӣ гардидааст, ки дар ташаккулу такомули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷойгоҳи хосе доранд. Нақши асарҳои таърихиву ҷуғрофӣ, илмиву бадеӣ ва вожаномаву фарҳангномаҳо дар рушду такомули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ нақши бағоят калон буда, маъмултаринашон: «Тоҷикон» ба қалами Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, «Кулолгарӣ» ба қалами А. А. Азизов ва Ш. Ю. Азизов, «Гончарное производство Средней Азии» ба қалами Е. М. Пещерева ва ғ. ба шумор мераванд.

Масъалаи таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда дар фасли чоруми боби якум мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин фасл муаллифи диссетатсия чанде аз вожаву истилоҳоти калидии соҳаи кулолӣ ба мисли *гил, кулол, кӯза, дӯлча, кӯра, pot, potter, clay, cup, kiln* аз лиҳози хусусияти решашиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Фасли охири ин боб «Таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шуда, муаллиф дар он луғоту истилоҳоти кулолгариро ба гурӯҳҳои муайяни луғавию маъноӣ ва мавзуӣ ҷудо намудааст, ки қисми зиёди истилоҳоти ин бахш дар таркиби луғавии забон ва лаҳҷаҳои он маҳфуз аст. Муаллифи диссетатсия зикр мекунад, ки дар ҳарду забон ҳам, як қатор истилоҳҳое мавҷуданд, ки барои ифодаи дигар намудҳои пешаи кулолӣ истеъмол мешаванд. Ҳамин тариқ, аз шарҳу тавзеҳи истилоҳоти мансуб ба шуғл дар соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълум гардид, ки аз нигоҳи сохтор ва аз нигоҳи маънӣ дар ин гурӯҳи майдони истилоҳӣ умумият ва монандӣ ба назар мерасад.

Боби дуюми диссератсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои муродифшавиву ҳамгуншавӣ ва сермаъношавиву мутазодшавии истилоҳоти кулолгарӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Боби мазкур аз 4 фасл иборат аст. Дар боби мазкур аз ҷониби Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович ба сермаъношавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муродифшавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамгуншавии истилоҳоти

кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин истилоҳоти иқтибосии кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таваҷҷуҳи бештар дода, аз лиҳози забоншиносиву фарҳангшиносӣ арзишмандтарини онҳоро ҷудо намудааст. Ҳар яке аз онҳо арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашавандаро инъикос намуда, анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои оилавию хешовандӣ, муносибати инсон ба меҳнат ва анъанаҳои онҳоро таҷассум мекунанд. Ба ҳамин тартиб фаслҳои боби дувум аз ҷониби Ҷаҳонгиров Ш. Ҳ. муқоиса ва таҳлил шуда, бо фикрҳои муаллифи диссератсия ҷамъбаст шудаанд.

Дар боби сеюм «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллифи диссератсия ба таъйини хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гузаронидааст, ки боби сеюм аз чор фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби сеюм усулҳои асосии истилоҳнигории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, яъне таснифу роҳу усулҳои асосии истилоҳсозии забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди таҳқиққ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифи диссератсия: «Яке аз омилҳои рушди истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои муқоисашаванда ин ба ҷузъҳо чудошавии онҳо ба шумор рафта, як низоми муайяну томи истилоҳиро дар ҳарду забон ҳам муттаҳид месозад.

Таъкидаш ба маврид аст, ки дар ҳоли ҳозир роҷеъ ба роҳу усул ва шеваҳои калимасозиву истилоҳсози диду назари якранг вуҷуд надорад» (диссертатсия саҳ. 117). Ҳамин тавр, дар ин боб таҳлили хусусиятҳои сохтории луғоту истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба натиҷае расонид, ки тамоми ҷараёни семантикие, ки дар забони адабӣ ва гуфтугуйӣ ба амал меоянд, таҳқиқ шаванд, масалан: интиқоли маъниҳо, муродифшавӣ ва ғ. Ин омил ғанӣ будани низоми луғоти кулолгарӣ ва алоқаи зичи онро бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳо бозгӯ мекунад

Таъкид ба ёдоварист, ки ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллифи диссератсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 21 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссератсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу

фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосир ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссератсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад ба гунаи неку мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» баъзе норасоиву камбудихоро мушохида намудем:

1. Дар таҳлили масъалаҳои назариявӣ муаллиф бештар ба сарчашмаҳои ба забони русӣ таълифёфта такя намудааст, хуб мешуд, ки аз сарчашмаҳои тоҷикӣ низ истифода менамуд.
2. Дар бархе аз саҳифаҳои кор муаллифи тарҷумаи истилоҳоти кулолгарӣ аз забони англисӣ мушаххас нест.
3. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз истилоҳоти кулолгарӣ дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид (саҳ. 33, 34, 35).
4. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат (4,9,10, 15 41, 46, 67….) ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасад.
5. Дар боби сеюм фаслҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ум аз нигоҳи мазмун ба якдигар хеле наздиканд, ки ин фаслҳоро метавон дар як фасл ҷойгир кард.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович таҳти унвони «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи «Низомномаи шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№10** аз **18.05.2023** тасдиқ гардидааст.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”- 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
факултети забони англисии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисӣ
факултети забони англисии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» **Фатҳуллоев Икромуддин Баротович**

**Котиби ҷаласа:** **Янгибоева Дилноза Бегмаҳмадовна**

Имзоҳои Ш. С. Олматова, И. Б. Фатҳуллоев
ва Д. Б. Янгибоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

«18» 06 **соли 2023**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: bgu78@mail.ru; Сомона: http://www.bgu.edu.tj